**МУАЛЛИМИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БУХОРО**

**Ш. Ш. Норқӯчқоров**

# *Тадқиқи баҳрҳои махсуси арӯзи араб дар "Шаҷарат-ул-арӯз"-и Саид Музаффаралии Асирӣ*

**Аннотатсия**: *Дар мақолаи мазкур хусусияти ба худ хоси баҳрҳои махсусси арӯзи араб зери таҳлил кашида мешавад. Маънои луғавии он баҳрҳо дар асоси "Шаҷарат-ул-арӯз" ва дигар фарҳангҳои истилоҳот арӯзӣ шарҳи худро меёбанд. Дигар он аст, ки намунаи шеърҳое, ки шуарои тоҷику форс дар баҳрҳои махсуси арӯзи араб гуфта шудаанд, вазни онҳо муайян карда мешавад. Ҳаминро алоҳида бояд қайд кард, ки навгоние, ки шуарои тоҷику форс дар панҷ баҳри арӯзи арабӣ ворид кардаанд, дар асоси мисол таҳлил карда мешавад.*

**Калидвожа**: *баҳр, баҳри комил, баҳри вофир, "Шаҷарат-ул-арӯз", шуарои форсу тоҷик, мусамман...*

Ба ҳаводорони илму адаб маълум аст, ки дар илми арӯзшиносӣ нуздаҳ баҳр мавҷуд буда, панҷ баҳри махсус (комил, басит, вофир, тавил ва мадид) хоси арӯзи араб аст. Се баҳр хоси арӯзи тоҷику форс аст, ки инҳоянд: қариб, ҷадид ва мушокил. Боқӣ монда ёздаҳ баҳр байни арабу аҷам муштарак истифода мешаванд.

Баҳрҳои махсуси арӯзи араб дар шеъри форсӣ низ истифода шудаанд, лек аҷамиён онҳоро мусамман кардаанд. Муаллифи "Шаҷарат-ул-арӯз" он баҳрҳои махсуси арабро дар рисолаи хеш зери тақиқ кашида, масъалаҳои умдатарини онҳоро нишон додааст. Такя ба маълумоти муаллиф мо баъзе ҷиҳатҳои баҳрҳои комил, басит, вофир, тавил ва мадидро хоҳем шарҳ дод.

Баҳри комил

Баҳри комил яке аз баҳрҳои хоси шеъри араб ба ҳисоб меравад, ки тозиён мусаддас офаридаанд. Форсигӯён низ дар ин баҳр гоҳо шеър гуфтаанд ва мусамман офаридаанд. Ба шаҳодати Саид Музаффаралӣ намунаи шеъри форсиён дар баҳри комил низ мусаддас вуҷуд дорад. Зиҳофоти ин баҳр ҳафт аст: измор, хазал, вақс, қатъ, ҳадд, изолат ва тарфийл; ҳаминро муаллиф алоҳида қайд менамояд, ки серистеъмолтарин зиҳофи ин баҳр измор ба ҳисоб меравад. Оиди ин баҳр низ як чанд мисолҳои эътимодбахш оварда шудааст:

Баҳри комили мусамман.

Мутафоъилун, мутафоъилун, мутафоъилун, мутафоъилун (ду бор).

Мисолаш аз Бедил:

Ситам аст агар ҳавасат кашад, ки ба сайри сарву суман баро,
V V – V - || V V – V - || V V – V - || V V – V -
Ту зи ғунча кам надамидаӣ, дари дил кушо, ба чаман даро!

V V – V - || V V – V - || V V – V - || V V – V -

Тақтеъаш ин аст:

Ситам аст агар // ҳавасат кашад, // ки ба сайри сар // ву суман баро,

Ту зи ғунча кам // надамидаӣ //, дари дил кушо //, ба чаман даро!

Баҳри комили музмири мусамман.

Мутафоъилун, мутафоъилун, мустафъилун (ду бор).

Мисолаш, байт:

Санамо, хаёлатро чӣ шуд, ки ба мор надорад улфате,

V V- V - || V V- V - || V V- V -

Хиҷилам зи доғат, к-аз вафо ба саврам гузорад суннате.

V V- V - || V V- V - || V V- V -

Баҳри комили мусаддаси музмири музол.

Мутафоъилун, мустафъилун, мустафъилон. Мисолаш, байт:

Чу равон шавӣ, осоядам рӯҳу равон,

V V- V - || V V- V - || V V- V -

Чу ниҳон шавӣ аз ҷону дил хезад ф и ғ о н!

V V- V - || V V- V - || V V- V -

Баҳри комили мусаддаси музмири мавқӯс.

Мустафъилун, мафоъилун, мутафоъилун.

Мисолаш, байт:

Рӯзе бувад, ки ишқи ту ба сар ояде,

- - V - || V – V - || V V- V -

Ё хотират ба меҳри ман магар ояде.

Ба пайбурди Музаффаралӣ муаллифи “Меъёр-ул-ашъор” дар ин вазн шуарои форсигӯён шеъри бо такаллуф эҷод карданашонро гуфта мегузарад.

Баҳри вофир

Ин баҳр низ хоси назми араб аст. Ба шаҳодати Саид Музаффаралӣ “вофир” ном гузоштани ин байт дар он аст, ки дар он мутаҳаррик (ҳиҷоҳои кушоди кӯтоҳ) бисёранд. Дар китоби “Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ”-и Холиқ Мирзозода маънои луғавии “Вофир”-ро “бисёр” меноманд. Ин ба фикри мо бисёрии ҳиҷоҳои кӯтоҳ дар мадди назар аст. Муаллифи “Шаҷарат-ул-арӯз” дар як рукни ин баҳр (рукни мафоилатунро ба назар дорем) панҷ мутаҳаррик вуҷуд доштанашро гуфта мегузарад ва ин баҳр дар шеъри араб мақоми воло доштанаш аз тарафи муаллиф-Музаффаралӣ қайд карда мешавад. Боз ҳаминро алоҳида меоварад, ки зиҳофоти ин баҳр ҳафт то аст: асаб, ақл, нақс, қатф, азаб – ба зоди муъҷама, қасам, ҷамам, ақас. Баҳри вофир низ дар шакли мусамман, мусаддас ва гоҳо мураббаъ низ омадан метавонад. Ҳаминро алоҳида қайд менамояд, ки дар ашъори араб ин баҳр асосан мусаддас офарида шудааст, вале форсиён онро мусамман ва мураббаъ кардаанд.

Баҳри вофири мусаммани солим.

Мафоъилатун, Мафоъилатун, Мафоъилатун, Мафоъилатун.

Мисолаш, байт:

Чӣ шуд санамо, ки сӯи касе ба чашми вафо наменигарӣ?...

V – V V -|| V – V V -|| V – V V -|| V – V V -

Зи расми ҷафо намегузарӣ, тариқи вафо намесипарӣ?...

V – V V -|| V – V V -|| V – V V -|| V – V V -

Тақтеъаш ин аст:

Чӣ шуд санамо,// ки сӯи касе // ба чашми вафо // наменигарӣ?...

Зи расми ҷафо // намегузарӣ, // тариқи вафо // намесипарӣ?...

Чӣ шуд, ки Духти Чочии ман ба чашми вафо наменигарад...,

V – V V -|| V – V V -|| V – V V -|| V – V V -

Зи расми ҷафо намегузарад, тариқи вафо намесипарад...

V – V V -|| V – V V -|| V – V V -|| V – V V -

Мафоъилатун, Мафоъилатун, Мафоъилатун, Мафоъилатун.

چه شد که دُختِ چاچی من به چشم وفا نمی نگرد

ز رسم جفا نمی گزرد، طریق وفا نمی سپرد...

Вофири мусаддаси мақтӯфи маъсӯб.

Мафоъийлун мафоъилатун фаъӯлун.

Мисолашг, байт:

Зи дасти он санам ба сад эҳтирозам,

V - - - || V – V V - || V - -

Дили ман метапад ба барапм, чӣ мозам?...

V - - - || V – V V - || V - -

Вофири мусаддаси маъқули мақтуф.

Мафоъилун, мафоъалатун, фаъӯлун.

Мисолаш, байт:

Бувад лабат ҳаёти дилам нигоро,

Бидеҳ зи ғам наҷот дилам, Худоро!

Вофири мусаддаси солим. Мафоъалатун, мафоъалатун, мафоъалалун. Мисолаш, байт:

Буто ғами ту ба дили ман бизад аламе,

Чунорн, ки азҳ ӯ ба гирди ҷаҳон шудам ъаламе.

Вофири мураббаъ. Мафоъалатун, мафорълатун. Мисолаш байт аз Мавлоно Насируддини Тӯсӣ:

Бадӣ чӣ кунӣ ба ҷои касе,

V – V V - || V – V V -

Ки ӯ накунад ба ҷои ту бад!

V – V V - || V – V V -

Баҳри тавил

Тавил низ яке аз баҳрҳои дарозтарини шеъри араб аст. Дар луғат маънои “дароз, баланд” аст. Музаффаралӣ оиди ин баҳр чунин меорад “Ва шеъри форсӣ дар ин баҳр шозз ва камёб аст”.[9] Мо дар назми тоҷику форс намунаи ин баҳрро пай бурдан метавонем, лек хеле кам аст. Дар китоби “Шаҷарат-ул-арӯз” зиҳофоти ин баҳр низ дар шакли зер оварда шудааст: кафф, қабз, қаср, ҳазф, салм, сарм, тасниъ, муъоқиба. Шакли солими ин баҳр фаъӯлун, мафоӣлун, фаъӯлун, мафоӣлун аст. Доир ба ин баҳр мисол оварда вазнашро муайян менамоем:

Баҳри тавийли мусаммани солим.

Фаъӯлун, мафоӣлун, Фаъӯлун, мафоъӣлун.

Мисолаш аз Салмони Соваҷӣ:

Ба эҳсон туӣ Ҳотам, ба рифъӯат туӣ касро,

V - -|| V - - - || V - -|| V - - -

Ба фармон туӣ Осаф, ба бурҳон туӣ Ъийсо.

V - -|| V - - - || V - -|| V - - -

Баҳри мадид

Ва “мадид” дар луғат “кашида” аст. Ва ин баҳрро аз баҳри тавил кашидаанд (яъне аз даруни баҳри тавил гирфта сохтаанд).

Ва баъзе гӯянд, ки ду сабаб дар ду тарафи аркони субоъии ӯ кашида шудааст. Ва зиҳофоти он чунин аст:

хубн, кафф, қабз, ташъийс, қаср, қатъ, шакл, ҳазф, изолат, халъ, муъоқаба.

Ҷадвали баҳри мадид

Баҳри мадиди солим. Фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилун. Мисолаш аз Ҷомӣ:

Дил зи ҳаҷрат эй санам, хуни худро мехӯрад,

- V - - || - V - - || - V - - || - V -

Ҷон зи дастат, эй санам, ҷома бар тан медарад.

- V - - || - V - - || - V - - || - V -

Баҳри мадиди мусаммани маҷнун.

Фоъилотун фаъалун, Фоъилотун фаъалун. Мисолаш, байт:

Аз миёну даҳанаш, то тавон як сари мӯ,

-V - - || V V - || -V - - || V V -

З-он нишон бор надеҳ, з-ин сухан ҳеч магӯ.

-V - - || V V - || -V - - || V V -

Баҳри мадиди мусаммани маҷнуни музол. Фаъалотун фаълун, Фаъалотун фаълун. Мисолаш байт:

Лаби ӯ оби бақо, суханаш мояи ҷон,

V V - - || V - || V V - - || V -

Қади ӯ сарви сиҳӣ, даҳанаш сирри ниҳон.

V V - - || V - || V V - - || V –

[9] Саид Музаффаралии Асирӣ. Шаҷарат-ул-арӯз. Чопи Теҳрон. Дар асоси дастхат. Саҳифаи 54.

Баҳри басит

Басит дар луғат “густуронида” (паҳн карда, боз када шудагӣ) аст. Пас дар ибтидои рукни субоъии ӯ ду сабаб густуронида шудаанд. Ва Хумосиро бошад, як сабаб. Ва зиҳофоташ хубн, тай, қатъ, изолат аст ва бас.

Ҷадвали баҳри басит. Баҳри басити солим:

Мустафъилун фоъилун, Мустафъилун фоъилун. Мисолаш аз Ҷомӣ:

Чун хору хас рӯзу шаб уфтодаам дар раҳат,

- - V - || - V - || - - V - || - V -

Бошад, ки бар ҳоли ман уфтад назар ногаҳат.

- - V - || - V - || - - V - || - V -

Ва тақтеъаш чунин бошад:

Чун - хо-ру - хас // рӯ-зу-шаб // уф-то-да-ам // дар-ра-ҳат,

Бо-шад-ки-бар // ҳо-ли-ман // уф-тад-на-зар // но-га-ҳат.

Аз фикрҳои болоӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар баҳрҳои махсуси арӯзи араб шоирони машҳури тоҷику форс, мисли, Салмони Соваҷӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ , Насируддини Тӯсӣ ва худи муаллифи “Шаҷарат-ул-арӯз” намунаи беҳтарини назмро офаридаанд. Аз ин маълум мегардад, ки дар он баҳрҳои арӯзи араб шуарои тоҷику форс низ дастболоанд. Ҳаминро бояд алоҳида қайд намуд, ки Саид Музаффаралӣ корбурди баҳрҳои басит, тавил,, мадид, вофир ва комилро нисбатан аз арӯзшиносони пешин, аз Шамс Қайси Розӣ, Насируддини Тӯсӣ, Ҷомӣ, Навоӣ ва Бобур мукаммалтар ва муфассалтар шарҳ додааст.

## АДАБИЁТ:

1. Саид Музаффаралии Асирӣ. Шаҷарат-ул-арӯз. Чопи Теҳрон. Дар асоси дастхат. Саҳифаи 54.
2. Насируддин Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор. -Душанбе, “Ориён”, 1992. С. 110.
3. Шамс Қайси Розӣ. Ал-Мӯъҷам. -Душанбе, “Адиб”, 1991. С. 218.
4. Баҳром Сирус. Қофия дар назми тоҷик. Тоҷикистон, нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1955. С. 38-39-40-41.
5. Расулхон Ҳодизода. Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик. -Душанбе: Ирфон, 1974. Саҳ. 37.
6. М. А Бухорӣ. Лубоб-ул албоб. Ҷилди аввал. -Душанбе: Бебок, 2018. Саҳ. 63.
7. Норқӯчқоров Ш. Ш. МАВҚЕИ НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ ДАР ТАШАККУЛИ ИЛМИ БАДЕЪ (ДАР АСОСИ АСАРИ “МЕЪЁР-УЛ-АШЪОР”) //Academic research in educational sciences. – 2021. – Т. 2. – №. 9. – С. 60-66.
8. Норқӯчқоров Ш. Ш. “АСОС-УЛ-ИҚТИБОС”-И НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ (СОХТ ВА СТРУКТУРАИ БА ХУД ХОСИ ИН РИСОЛА) //Academic research in educational sciences. – 2022. – Т. 3. – №. 12. – С. 343-351.

9. Shavkatzoda N. S. NASIRUDDIN TUSI AND HIS PLACE IN THE HISTORY OF EASTERN CIVILIZATION //Galaxy International Interdisciplinary Research Journal. – 2022. – Т. 10. – №. 4. – С. 344-351.

10. Shavkatzoda N. S. NASIRUDDIN TUSI AND HIS PLACE IN THE HISTORY OF CIVILIZATION OF THE PEOPLES OF THE EAST //Galaxy International Interdisciplinary Research Journal. – 2021. – Т. 9. – №. 12. – С. 930-937.